# Мавзӯи 2: Тавсифи умумии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ

## Маълумоти мухтасар дар бораи технологияҳои рақамӣ

Мо дар боби аввал дар бораи пайдоиши технология ва таъсири он ба ҳуқуқ маълумоти мухтасар додем. Дар ин замина технологияҳои рақамӣ мавриди таваҷҷӯҳи мо мебошанд. Албатта дар доираи ин мавзӯъ имкон нест, ки тамоми технологияҳои рақамиро тавзеҳ диҳем ва ин дар асл вазифаи фанҳои ҳуқуқӣ ҳам нестанд. Аммо барои фаҳмиш, дар бораи онҳо каме маълумот медиҳем.

Технологияҳои рақамӣ бо усули кориашон аз технологияҳои аналогӣ фарқ доранд. Тавассути технологияҳои рақамӣ маълумот аз як таҷҳизот ба таҷҳизоти дигар дар шакли коди дугона (иборат аз 1 ва 0) фиристода мешавад (масалан, вақте тавассути вайбер ба рафиқамон “салом” менависем, он аз таҷҳизоти мо ба таҷҳизоти рафиқамон шояд бо комбинатсияи ададчинии 0 ва 1 бо ҳамин тарз “0110001001” рафта расад). Таҷҳизоти қабулкунанда онро бонизом қабул карда, мураттаб менамояд. Технологияи рақамӣ аз рӯи сатҳу, сифат, суръат ва дигар унсурҳо аз технологияи аналогӣ бартариҳо дорад. Барои ҳамин ҳам дар тамоми соҳаҳо технологияҳои рақамиро истифода бурда истодаанд.

Ба технологияҳои рақамӣ таҷҳизот ва барномаҳои хоси онҳо дохил мешаванд. Таҷҳизоте ки маъмулан аҳолӣ барои қонеъ намудани талаботашон истифода мебаранд - смартфонҳо, компютерҳо, телевизионҳои рақамӣ, китобҳои электронӣ, чопхонаҳои рақамӣ, банкоматҳо, камераҳои рақамӣ, серверҳо ва дигар таҷҳизоти рақамӣ мебошанд. Дар ин таҷҳизот барномаҳои хос муҷаҳҳаз шудааст, ки тавассути онҳо аз маводи рақамӣ ва хизматрасониҳои гуногун истифода мебарем. Хусусан, тавассути телефонҳо ва компютерҳо аз почтаи электронӣ ва сомонаҳо истифода мебарем, хариду фурӯши онлайнӣ баргузор менамоем, маблағҳоро интиқол ё қабул менамоем. Ин амалҳо дар фазои маҷозӣ сурат мегиранд, ки он дар заминаи технологияҳои рақамӣ рушд ёфта истодааст. Ин яке аз намудҳои нисбатан оддитари технологияҳои рақамӣ мебошад, ки бо он ҳамарӯза мо кор менамоем. Илова ба он боз технологияҳои мураккабтари рақамӣ инкишоф ёфта истодааст: технологияе, ки тавассути он маълумоти зиёд коркард мешавад (big data); нейротехнология; роботҳо ё технологияҳое, ки дар асоси зеҳни сунъӣ сохта шудаанд; занҷирафеҳрист (блокчейн); технологияҳои квантӣ; интернет-ашёҳо; технологиҳое, ки дар асоси онҳо фазои маҷозӣ сохта мешавад; технологияҳои сенсорӣ ва ғайра.

Аз як тараф, ҳар кадоми ин технологияҳо алоҳида, лек дар ҳоли дигар ҳар кадомаш бо ҳам пайванданд. Доир ба гурӯҳи якум аминем, ки хонандагони гиромӣ маълумоти зарурӣ доранд, лек ҳоло дар бораи гурӯҳи дуюм маълумотҳо камтаранд. Аз ҳамин сабаб мо гурӯҳи дуюми технологияҳои рақамиро каме тавсиф менамоем.

**Технологияе ки тавассути он маълумоти зиёд коркард мешавад (big data).** Айни замон анбӯҳи маълумот инсонро мисли тори анкабут фаро гирифтааст. Агар инсон оқилона ба он рафтор карда натавонад, пас дар ин анбӯҳ пойбанд ва гумроҳ шуданаш мумкин аст. Шумораи маълумот ба ҳадде зиёд шуда истодааст, ки инсон миёни он дар интихобу коркард ва истифода раҳгум зада метавонад ва наметавонад дар як замони кӯтоҳ дар миёни онҳо маълумоти заруриашро пайдо намояд. Бинобар ин технологияҳое ба вуҷуд оварда шудаанд, ки тавассути он маъулмотҳои зиёд (BIG DATA)[1] коркард шуда, натиҷаи он барои тасмимгириҳо истифода мешавад. Нозукии масъала дар он аст, ки он маълумотҳо дар шаклҳои гуногун (тасвир, сабти видео, аудио, барномаи телевизион ва радио, газета ва ғайра) ифода ёфта, дар серверҳои гуногун маҳфузанд. Технологияи коркарди маҷмӯи маълумотҳои зиёд онҳоро дар замони кӯтоҳ ҷустуҷӯ, коркард ва ҷамъбандӣ менамояд. Масалан, низоми идоракунии электронии хазинадории Вазорати молия, ки он ҷо тамоми харҷи маблағҳои буҷаи давлатӣ муттамарказ мешавад, ба маҷмӯи маълумоти зиёд шабоҳат дорад. Ё дар баъзе беморхонаҳо тасмим гирифта шудааст, ки маълумоти тиббӣ дар низоми электронӣ ворид карда мешавад, то ин ки оянда онро барои ҳалли ин ё он масъала истифода намоянд. Дар банди 119-и Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешбинӣ шудааст: тавассути ҷорӣ намудани системаҳои иттилоотии тиббии минтақавӣ марҳила бамарҳила махзани ягонаи маълумоти дорои “маълумоти зинда” таъсис дода мешавад. Сипас маълумоти ҷамъоваришуда барои омори тиббӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои дахлдор бо истифодаи технологияи маълумоти калон - Big Data истифода мешавад. Ин имконият медиҳад, ки гузариш ба тандурустии бекоғаз, муътадилгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии кӯмаки расонидашаванда, муттасилии кӯмаки расонидашаванда байни сатҳҳои гуногун ва муассисаҳои тиббӣ амалӣ шавад. Дастрасии ҳимоягардида мутобиқи талаботи амнияти иттилоотӣ ба иттилооти калидии тиббӣ барои ҳамаи иштирокчиён таъмин карда мешавад.

Мисоли дигар ин низоми электронии Маркази миллии тестӣ шуда метавонад, ки дар он маълумотҳои зиёд доир ба довталабон ва сатҳу сифати дониши онҳо вуҷуд дорад. Ин маълумотҳоро метавон дар як низоми муайян барои таҳлил истифода бурд. Масалан, метавон муайян кард, ки дониши довталабони кадом ноҳия баланд аст. Кадом фанҳо дар кадом ноҳия ва шаҳрҳо бештар рушд кардааст ва ғайра. Ҳамаи ин маълумотҳо барои он зарур аст, ки баъдан дар асоси онҳо қарорҳои дуруст қабул шуда, барои беҳбудии низоми маориф истифода гарданд.

Мисоли дигар ин низоми электронии шаҳри бехатар аст, ки дар асоси маълумотҳои он метавон муайян кард, ки нуқтаҳои хатарноке, ки дар шаҳр вуҷуд доранд кадомҳоянд, яъне дар куҷо бештар қоидаҳои роҳ вайрон мешаванд, синну

---

[1] Дар Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи “маълумоти калон” истифода шудааст, ки ба назари мо чандон қобили қабул нест. Зеро BIG DATA (большие данные) маънои онро дорад, ки дар як соҳа маълумотҳои зиёд ҷамъ шудааст. Яъне ин ҷо маълумоти хурд ё калон дар назар дошта нашудааст, балки маҷмуи маълумотҳо дар як ё якчанд соҳа дар назар дошта шудааст.

соли ронандаҳои қоидаҳоро вайронкунанда ва дигар масълаҳои таҳлилталабу такмилталаб кадомҳоянд?

Яъне ба инобат гирифтан зарур аст, ки маҷмӯи маълумоти зиёд бояд ақалан се аломат дошта бошад, ки онҳоро мо шартан "се Б" меномем:

**Бузургҳаҷм.** Яъне ҳаҷми маъмулот бояд бузург бошад;

**Баландсуръат.** Технологияе ки ба коркарди он маълумотҳо равона шудааст суръати баланд дорад;

**Бисёршакл.** Маълумотҳо дар сохт ё шаклҳои гуногун мавҷуданд (аудо, видео, матн ва ғ.)[2].

Нейротехнология. Гурӯҳи дигари технологияҳое, ки айни замон фаъолона дар ҷаҳон рушд ёфта истодаанд, ин нейротехнологияҳо мебошанд. Ин технологияҳо бо дарназардошти хусусияти торҳои асаби инсон офарида шуда, барои омӯзиш ва дарки он равона гардидааст. Чунин технологияҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла тиб, маориф, тиҷорат, ҳарбӣ ва ғайра рушд карда истодаанд. Масалан, технологияҳое, ки тавассути мушоҳидаи гавҳараки чашм, дурӯғ ё рост будани нишондоди ҷинояткор санҷида мешавад. Дар ҳамин замина таҷҳизоти сенсорӣ дар ҳоли рушд аст. Инсон маъмулан 5 узви эҳсосӣ дорад: шунавоӣ, биноӣ, эҳсоси бӯ, мазза ва ламс. Дар технологияҳо ҳам инсон эҳсоснамоии вазъият ва ҳолатро бо тариқи мушаххас тавассути маълумотрасонҳо (датчик) ҷорӣ карда истодааст, ки онро бо ибораи дигар технологияҳои сенсорӣ меноманд.

Роботҳо ё технологияҳое, ки дар асоси зеҳни сунъӣ сохта шудаанд. Дар замони муосир технологияҳо аз ҳар зовия комил шуда истодаанд. Инсон кӯшиш дорад, ки технологияҳои меофаридааш "ақл" дошта бошанд, ки онро технологияҳо бо зеҳни сунъӣ меноманд. Агар технологияҳои қаблӣ пурра тавассути идоракунии инсон ба коре қодир буданд, пас технологияҳо бо зеҳни сунъӣ барномаҳои компютериеро доро мебошанд, ки онҳо қобилияти дарки ҳолатҳои атроф, қабул ва коркарди иттилоотро дошта, дар ҳамин замина қарорҳои мушаххас қабул мекунанд ва амалҳои муайянро иҷро менамояд. Албатта онҳо мисли инсони комил нестанд, аммо дар як доираи муайян қобилияти фаҳму дарку қарорқабулнамоиро доранд[3]. Ҳамин боис шуд, ки Парлумони Аврупо "шахсони электронӣ"-ро ҳамчун субъект эътироф кард.

Занҷирафеҳрист (блокчейн). Технологияи дигаре, ки дар замони муосир рушд карда истодааст, занҷирафеҳристҳо мебошад. Ин технология мураккаб мебошад, аммо барои пешбурди корҳои ҳуқуқӣ хеле мусоид аст. Моҳияташ ин аст, ки дар якчанд компютер ё сервер феҳристҳои бо ҳам пайванд тавассути шабака дар шакли динамикӣ фаъол мебошанд, ки агар як ҳолат дар яке аз феҳристҳо сабт карда

---

[2] Барои муаррифии BIG DATA дар забони англисӣ се вожаи зерин истифода мешавад:
1)*volume* - ба маънои бузургҳаҷм будани маълумот;
2) *velocity – ба маънои баландсуръат будани дастрасӣ ба маълумот;*
3)*variety* - ба маънои бисёршакл будани маълумот

[3] Тахаюл дар бораи технология бо зеҳни сунъӣ дар мисоли барҷастаи Аломатхон, қаҳрамони филми "Зани оҳанин" дар асри гузашта вуҷуд дошт. https://www.youtube.com/watch?v=BjFwieGf9a0

шавад, он тариқи автоматӣ дар дигар феҳристҳо низ сабт мешавад. Он маълумотҳоро агар дар як феҳрист тағйир ё нобуд кунанд ҳам, дар дигар феҳристҳо ҳамон маълумот дахлнопазир мемонад. Яъне ба ин низом маълумоти нав илова карда мешавад, аммо нобуд ва тағйирдиҳии маълумоти пешин бефоида аст, зеро маълумотҳои пешина аллакай дар чанд феҳристи дигар ҳастанд.

Технологияҳои квантӣ. Инсон ки аз азал кӯшиши кашфи оламро дорад, ба он неъматҳое, ки дастрасаш ҳаст қаноатманд набуда, дар талоши боз ҳам бештару беҳтар донистани асрори оламу одам ҳаст. Яке аз он самтҳое, ки олимон кӯшиши кашфи онро доранд, ин технологияҳои квантӣ мебошад. Айни ҳол, онҳо кӯшиш доранд компютеру мавҷҳо ва дар заминаи он интернети квантиро офаранд. Тибқи ақидаи олимон, замоне компютерҳо ва алоқаҳои квантиро сохта ба мардум пешкаш менамоянд, мо он технологияе, ки ҳоло истифода мебарем, шояд бурда дар осорхонаҳо гузорем. Зеро ба назари олимон қобилияти кории технологияҳои квантӣ ба ҳазорҳо маротиб аз ин технологияҳое, ки мо дорем бузург буда, дараҷаи муҳофизатиаш комил мебошад. Шояд ин суханҳо айни ҳол каме муболиға намоянд, аммо қадамҳои аввал аллакай гузошта шудааст. Яъне, олимон аллакай аввалин компютерҳо ва низомҳои алоқаи квантиро ихтироъ кардаанд[4].

Интернет-ашёҳо. Маъмулан дар ҳуқуқ ашёҳоро ба манқул ва ғайриманқул тақсим мекунанд. Аммо замоне расидааст, ки онҳоро вобаста ба сатҳи интернетпайвандиашон ба ашёҳои ҳушманд ва муқаррарӣ ҷудо намоем. Яъне рафта-рафта дар ашёҳо барномаҳои компютерӣ сабт карда, онҳоро бо интернет пайваст карда истодаанд, ки дар натиҷа техникаҳои мазкур қисман худкор мешаванд, яъне мустақилона супоришҳое, ки тавассути барномаҳояшон ба онҳо вобаста шудааст, иҷро мекунанд.

Технологиҳое, ки дар асоси онҳо фазои маҷозӣ сохта мешавад.

Дар замони муосир навори филмҳои гуногун ва бозиҳое эҷод шуда истодаанд, ки онҳо на дар ҳаёти воқеӣ, балки тавассути барномаҳои компютерӣ тарҳрезӣ мешаванд ва онҳо ба зеҳну узвҳои эҳсосии инсон тарзе таъсиргузоранд, ки гӯё онҳо воқеиятро инъикос карда истодаанд.

**Ҳуқуқ ва фазои рақамӣ**

Бо пайдоиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ибораҳои гуногун, ба монанди “фазои (макони) виртуалӣ”, “киберфазо”, “фазои рақамӣ”, “фазои шабакавӣ” ва ғайра пайдо шудаанд. Ин ибораҳо ҳуқуқшиносонро водор менамоянд, ки онҳоро бо яке аз падидаҳои ҳуқуқ, ки онро амали қонун дар макон ва замон мегӯянд, муқоиса намоянд.

Агар як қонун дар ин ё он давлат қабул шавад, он дар макони муайян (маъмулан ҳудуди ҳамон давлат) ва замони муайян (маъмулан баъди анҷоми расмиятҳои қабули қонун ва нашри он то замоне ки он беэътибор ҳисобида

---

[4] На пороге квантового будущего. Как квантовые технологии могут изменить будущий облик всего мира. – Речаи дастрасӣ: https://www.kommersant.ru/doc/4292000 (санаи дастрасӣ: 27.04.2021).

мешавад) амал менамояд. Аммо масъалаи макон ва замон бо пайдоиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ саволҳои навро ба вуҷуд овард.

Саволи аввал ин аст, ки фазои (макони) виртуалӣ, киберфазо, фазои рақамӣ, фазои шабакавӣ чӣ гуна фазо ҳастанд? Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ фазои виртуалӣ, киберӣ, шабакавӣ ё рақамӣ ҳамчун синоним истифода мешаванд (шояд барномасозон ва муҳандисон аз лиҳози касбашон онро фарқ намоянд). Гӯё ғайр аз фазои воқеие, ки мо он ҷо умр ба сар дорем, боз ҳамин гуна фазоҳо ҳаст, ки мо ба он тавассути технология ворид мешавем. Баъзан онро ҳаёти дуюм (second life) ҳам мегӯянд.

Мафҳумҳои гуногуни фазои (макони) виртуалӣ, киберфазо, фазои рақамӣ, фазои шабакавӣ қариб ки ҳаммаъноянд. Яъне, агар оддӣ карда гӯем, якчанд компютеру телефону боз дигар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо ҳам тавассути шабака васл гашта, хазинаи бузурги иттилоотию иртиботиро ба вуҷуд меоранд ва ба инсон имкон медиҳанд, ки ба он ворид шуда, баҳраманд гарданд.

Агар ҳазорҳо компютер ва телефонҳою серверҳо бо ҳам тавассути шабака пайванд бошад, пас ин фазои нав, ҷойи нав ва замони нав ба шумор меравад ё ин ки он ҷузъи таркибии фазои зиндагии воқеии мо аст? Ба назари мо ин шабакапайвандҳо ҷузъи зиндагии воқеии мо мебошанд, на фазои ҷудо аз зиндагии мо. Ҳаминро фаҳмидан зарур аст, ки агар онро виртуалӣ ё рақамӣ ё киберӣ ҳам гӯем, сохтори танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ (субъект, объект ва мазмун) моҳиятан тағйир намеёбад. Шояд бо пайдоиши технологияи рақамӣ, объектҳои нав ва ё субъектмонандҳо (квазисубъектҳо) пайдо гарданд, ки доир ба онҳо мо дар бахшҳои поёнӣ суҳбат хоҳем кард. Аммо моҳияти масъла ҳамоно боқӣ мемонад.

Саволи дуюм ҷунин аст, ки оё он қонунҳое, ки дар ин ё он давлат қабул мешаванд, ба “фазои (макони) виртуалӣ, киберфазо, фазои рақамӣ, фазои шабакавӣ татбиқ мешаванд ё на? Ҳоло қонуни ягона ё якчанд қонунҳои алоҳидаи байналмилалӣ ва ё дохилидавлатӣ вуҷуд надорад, ки тамоми масоили фазои рақамӣ ё интернетиро ба танзим дароранд. Зеро сохтор ва мавҷудияти шабакапайвандҳо, ки фазои маҷозиро ба вуҷуд меоранд ё ин ки интернетро ба вуҷуд меоранд дар ҳудуди давлатҳои гуногун аст ва аз ҳамин хотир ҳалли масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар ин радиф аз як давлат вобаста нест. Яъне, қонунҳое ки дар ин ё он давлат қабул мешаванд, ба фазои (макони) виртуалӣ, киберфазо, фазои рақамӣ, фазои шабакавие, ки тобеи худи ҳамон давлат аст, татбиқ мешаванд. Доир ба ин масъла гурӯҳи коршиносони давлатӣ оид ба пешрафтҳо дар соҳаи иттилоотонӣ ва телекоммуникатсияи СММ тасдиқ кард, ки ҳуқуқи байналмилалӣ, хусусан Оинномаи СММ, ба фазои маҷозӣ татбиқ мешавад ва меъёру принсипҳои байналмилалӣ, ки аз принсипи соҳибихтиёрӣ бармеоянд, ба фаъолияти давлатҳо дар соҳаи ТИК (технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ) ва ба салоҳияти давлатҳо бар инфрасохтори дахлдори ТИК, ки

дар қаламрави ин давлатҳо ҷойгиранд, татбиқ мегардад[5]. Аммо агар мушкилоти ҳуқуқие, ки дар робита ба истифодаи ТИК берун аз ҳудуди давлат бошад, пас ин ҷо ҳамкориҳои байнидавлатӣ метавонад мусоидат намояд.

Саволи сеюм ин аст, ки кадом навигариҳоеро фазои (макони) виртуалӣ", киберфазо, фазои рақамӣ, фазои шабакавӣ ба вуҷуд овард, ки ба ҳуқуқ таъсиргузор аст? Пайдоиши интернет, фазои (макони) виртуалӣ, киберфазо, фазои рақамӣ, фазои шабакавӣ навигариҳои зиёдеро ба бор овард, ки таваҷҷуҳи ҳуқуқшиносонро ба худ ҷалб кардааст:

Объектҳои наве пайдо шуданд, ки ба сифати объекти ҳуқуқи граждании эътироф шудаанд (криптовалюта, барномаҳои компютерӣ ва замимаҳо дар плеймаркет ҳамчун моликияти зеҳнӣ ва ғайра);

Субъектмонандҳои "электронӣ" пайдо шуданд (резидентҳои виртуалӣ, шахсиятҳои рақамӣ, шаҳрвандони электронӣ (масалан, дар Эстония) кормандони дистансионӣ);

Дар робита бо субъект ва объектҳои номбаршуда ҳуқуқ ва ухдадориҳои хос пайдо шуданд;

Баъзе санадҳои ҳуқуқие кабул шуданд, ки ба танзими муносибатҳои вобаста ба истифодаи чунин технологияҳо равона шудаанд.

Тавассути ин технологияҳо ҳуқуқвайронкуниҳои гуногуни гражданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурию интизомӣ пайдо шуданд, ки боиси чораҳои ҷавобгарӣ андешидани онҳо пайдо гардид.

Консепсияи идоракунии электронӣ ё худ ҳукумати электронӣ пайдо шуд ва амалӣ гашта истодааст.

**Муносибатҳои ҷамъиятии вобаста истифодаи технологияҳои рақамӣ**

Муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ гуногун мебошанд ба мисле, ки муносибатҳои мо дар ҷамъият гуногунанд. То он вақте ки ҳангоми истифодаи ин технологияҳо шахсон бо як дигар муомилаи дуруст анҷом медиҳанд, мо зарурати ҳуқуқро дарк наменамоем. Аммо аз лаҳзае ки ҳуқуқ, манфиат ва озодии касе агар тавассути технологияҳои рақамӣ вайрон гардад, пас он ҷо зарурати ҳуқуқ эҳсос мегардад.

Вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ бештар муносибатҳои хусусияти гражданидошта анҷом мешаванд, ки онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мегарданд:

**1)** муносибатҳои мутлақ;

**2)** муносибатҳои нисбӣ.

---

[5] Цагориас Н. Правовой статус киберпространства. – Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/tsagorias-n-pravovoy-status-kiberprostranstva (санаи дастрасӣ: 27.04. 2021) .

Дар ҳуқуқи гражданӣ ин таснифи маъмули муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад ва барои дарки дурусти масъалаҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба истифодаи технологияи рақамиро низ ба мутлақ ва нисбӣ тасниф менамоем.

Дар муносибатҳои мутлақ субъект дорои ҳуқуқҳои мутлақ мебошад ва дигарон (тамоми онҳое, ки дар ҷомеа ҳастанд, доираи шахсони номуайян) уҳдадоранд ҳуқуқҳои ин субъектро эҳтиром ва риоя намоянд, вайрон накунанд. Масалан, шахс дар интернет сомона мекушояд, он ҷо расмҳо ва асарҳояшро ҷойгир менамояд. Ҳамин шахс ба сомонааш ҳуқуқи мутлақ пайдо мекунад ва ҳуқуқҳоеро амалӣ карда метавонад, ки қонун муайян кардааст. Масалан, сомонаашро бо забони дигар тарҷума менамояд, коркард менамояд ва ғайра. Ин амалҳоро нисбати сомона мутлақо ҳамин шахс анҷом дода метавонад. Дигарон бошанд ҳуқуқи дахолат ва вайрон кардани ҳуқуқҳои соҳибсайтро надоранд.

Дар ин асно ҳуқуқҳои зерин бештар мавриди таваҷҷӯҳ қарор доранд:

Ҳуқуқ ба ном ва тахаллус;
Ҳуқуқ ба шаъну шараф ва эътибори корӣ;
Ҳуқуқи фаромӯш шудан;
Ҳуқуқи барқарор кардани маводи шахс дар интернет;
Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ;
Ҳуқуқ ба тасвир;
Криптовалюта;
Ҳуқуқ ба домен ва ғайра.

Муносибатҳои нисбӣ он муносибатҳое мебошад, ки дар он ду ва ё зиёда шахсони мушаххас бо ҳам робитаи ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд ва мутаносибан соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мегарданд. Маслан, ду шахс тавассути интернет шартнома мебанданд. Ин муносибати нисбӣ мебошад. Яъне, тарафҳо нисбат ба якдигар ҳуқуқ ва уҳдадорӣ пайдо мекунанд. Дар ин радиф метавон чунин мисолҳо овард:

Ҳуқуқ ба бастани шартнома;
Ҳуқуқ ба ҷуброни зарар;
Ҳуқуқи блокировка, филтр ва таҳриру хориҷ намудани маълумоти зарарнок аз шабакаҳо.

Ин муносибатҳо хусусияти гражданию ҳуқуқӣ доранд. Дар баробари он вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ боз муносибатҳои хусусияти оммавию ҳуқуқӣ пайдо шуда истодаанд. Ин муносибатҳо хусусан ҳангоми идоракунии давлатӣ пайдо мегарданд. Мисоли барҷастаи он ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки дар бораи он ҳам дар бобҳои оянда маълумот хоҳем дод.

Ҳамзамон, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурию ҷиноятҳо дар шабакаҳо вусъат ёфта истодаанд, ки дар ин ҷода низ муносибатҳоро тахти ҳимояи ҳуқуқӣ қарор додан зарур аст.

Замоне мо дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баъдан дар бораи ҷомеаи иттилоотӣ ҳарф мезадем. Дар робита ба ин падидаҳо якчанд санадҳои ҳуқуқӣ қабул шудаанд. Хусусан, дар бораи иттилоот ҳудуди 20 қонуни алоҳида қабул гардид[6]. Иттилоот дар шакл ва намудҳои гуногун метавонад бошад. Аммо ҷараёни босуръати рушди технология тақозои онро дорад, ки итилоот дар шакли рақамӣ бештар нуфуз намояд. Зеро иттилооти рақамӣ нисбати иттилооте, ки дар коғаз, лента ва дигар воситаҳо навишта шудаанд, бартариятҳои зиёд дорад.

Калимаи "рақамӣ" дар қонунгузории мо ба тадриҷ ворид шуда истодааст ва аллакай якчанд санадҳои ҳуқуқие қабул шудаанд, ки истифодаи технлогияи рақамиро тахти танзим қарор додаанд. Аз ҷумла Қонуни ҶТ "Дар бораи имзои электронии рақамӣ", Консепсияи иқтисоди рақамӣ, барномаи давлатии пахши рақамии телевизион ва ғайра.

## Масъалаҳо

**Масъалаи №1.** Самад дар интернет сомона кушод ва он ҷо сухбатҳои худро бо шоиру нависандагон сабт карда мегузошт. Дар ин ҳолат, Самад ба сомона ҳуқуқи мутлақ дорад ё нисбӣ?

**Масъалаи №2.** Аҳмад бо Самад тавассути вайбер шартнома бастанд ва баъдан он аз ҷониби тарафҳо иҷро нагардид. Баҳс дар суд мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Муносибати байни Самад ва Аҳмад дар ҳамин ҳолат муносибати нисбӣ буд ё мутлақ?

## Тестҳо

**№1. Технологияи рақамӣ дар асоси кадом рақамҳо амал мекунанд?**

А) 1 ва 0;
Б) 1,2,3,4,5;
В) 1,2,3;
Г) 1,3,5,7,9.

**№2. Дар кадом ҳолат муносибатҳои нисбӣ вуҷуд доранд?**

А) Доштани моликият;
Б) Шартномабандӣ;
В) Доштани эътибори корӣ;

---

[6] Ниг.: Меликов У.А. Консепсияи рушди қонунгузории иттилоотии ҶТ // Маҷалаи академии ҳуқуқ, 2020, №2. С. 19-26.

Г) Муаллифи асар будан;

**№3. Фазои виртуалиро муайян намоед?**

А) Маҷмӯӣ компютерҳо, телефон ва дигар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии тавассути шабака бо ҳам васлгашта, хазинаи бузурги иттилоотию иртибототиро ба вуҷуд меоранд ва ба шахс имкон медиҳанд, ки ба он ворид шуда, баҳраманд гарданд;
Б) Фазои алоҳидаи технологӣ мебошад;
В) Фазои нав мебошад, ки аз ҳаёти воқеӣ ҷудо аст;
Г) Фазои дастнорас.

**№ 4. Маҷмӯи маълумоти бузург кадом аломатҳоро дорад?**

А) Бузург аст;
Б) Бисёршакл мебошад;
В) Баландсуръат мебошад;
Г) Ҳамаи ҷовобҳо дуруст аст.

**№5. Интернт –ашёҳо кадомҳоянд?**

А) Ҳамагуна ашёе, ки бо интернет харида мешаванд;
Б) Ҳамагуна ашёе, ки дар интернет фурӯхта мешавад;
В) Телефон ва компютер;
Г) Ашёҳо бо барномаҳои махусус муҷаҳҳазшудаю ба интернет пайвандшуда, ки қобилияти иҷрои функсияҳои гуногунро доранд.

## Саволҳои кори хаттӣ

-Дар бораи фарқияти технологияҳои аналогӣ ва технологияҳои рақамӣ маъмулот диҳед.
- Фазои рақамӣ, виртуалӣ, киберӣ, шабакавиро шарҳ диҳед.
- Ҳуқуқ барои фазои рақамӣ, виртуалӣ, киберӣ, шабакавӣ чӣ аҳамият дорад?
- Кадом муносибатҳои ҷамъиятии вобаста истифодаи технологияҳои рақамӣ вуҷуд дорад?
- Кадом масъалаҳои нав дар робита ба пайдоиши технологияҳои рақамӣ дар ҳуқуқ пайдо шуданд?

## Саволҳо барои худсанҷишӣ

Чаро технологияҳои рақамӣ мегӯянд?
Объектҳои нави вобаста ба технологияҳои рақамиро номбар намоед?
Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар фазои рақамӣ аз муносибатҳо дар ҳаёти воқеӣ чӣ фарқ доранд?

Субъектмонандҳо ё шаҳрвандони электронӣ чӣ гуна субъект мебошанд?
Муносибатҳои мутлақ аз муносибатҳои нисбӣ чӣ фарқ доранд?

## Адабиёт


На пороге квантового будущего. Как квантовые технологии могут изменить будущий облик всего мира. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.kommersant.ru/doc/4292000 (санаи дастрасӣ: 27.04.2021).

Цагориас Н. Правовой статус киберпространства. – Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/tsagorias-n-pravovoy-status-kiberprostranstva (санаи дастрасӣ: 27.04. 2021) .

Меликов У.А. Консепсияи рушди қонунгузории иттилоотии ҶТ // Маҷалаи академии ҳуқуқ, 2020, №2. С. 19-26.

Меликов У.А., Монахов В.Н., Асоев А.Д., Симонова И.Г. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернет дар Тоҷикистон. - Душанбе, “Эрграф”, 2011, 77 с.

Цифровое право: учебник / под общ. ред. В.В. Блажеева, М.А. Егоровой // Московский государственной юридический университет имени О.Е. Кутафина (МГЮА) – М.: Проспект, 2020. –870с.